# ХУЛОСАИ

шурои диссертатсионии 6D.КОА-096 назди Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон аз рӯйи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисос, номзади (доктори) илм (қарори Ҳукумати ҶТ аз 26.06.2023, №295)

Парвандаи аттестатсионии № 15
Қарори шурои диссертатсионӣ аз 03.03.с.2026, Протоколи № 46

Барои сазовор донистани унвони илмӣ ба Раҳматов Сулаймон Ҳасанович, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ, аз рӯйи ихтисоси 06.01.05-Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ.

Диссертатсияи Раҳматов Сулаймон Ҳасанович дар мавзуи “Хусусиятҳои агробиологӣ ва селексионии навъҳои хурмои шарқӣ дар шароити водиҳои Ҳисору Вахш ” аз рӯйи ихтисоси 06.01.05-Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ санаи 13.12.с.2025, протоколи №37 аз тарафи шурои диссертатсионии **6D.КОА-096** назди Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон [734025, шаҳри Душанбе, хиёбони Рудакӣ 21а], ки он дар асоси фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон №171/шд, аз 25.04.2025 таъсис дода шудааст, ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Раҳматов Сулаймон Ҳасанович, 01 январи соли 1972 дар деҳаи Қалъаи дашти ҷамоати деҳоти Қалъаи дашти ноҳияи Файзобод таваллуд шудааст. Соли 1993 ба факултети меваю сабзавот ва ангурпарварии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур дохил шуда, онро соли 1998 бо ихтисоси олим агроном хатм намудааст.

Раҳматов Сулаймон Ҳасанович баъд аз хатми Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ширишоҳ Шоҳтемур аз соли 1998 то 2003 дар совхози Қалъаи дашти ноҳияи Файзобод ба ҳайси агроном фаъолият

намуда, аз соли 2004 то 2014 роҳбари хоҷагии иҷоракории “Қалъаи дашт”, солҳои 2015- 2016 ходими калонии илмии шуъбаи мевапарварӣ ва бутамевагиҳо ва аз соли 2016 то инҷониб мудири шуъбаи мазкур шуда кор ва фаъолият дорад.

Аз 30 апрели соли 2015 ҳамчун унвонҷӯи Институти боғу токпарварӣ ва сабзавотпарварии АИКТ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05– Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ ба қайд гирифта шуда, онро соли 2018 хатм кардааст.

Кори диссертатсионӣ дар шуъбаи мевапарварӣ ва буттамевагиҳои Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткории АИКТ солҳои 2016-2018 иҷро гардидааст.

**Роҳбари илмӣ:**

**Камолов Нурмаҳмад** - номзади илмҳои кишоварзӣ, ходими пешбари илмии шуъбаи мевапарварӣ ва буттамевагиҳои Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткории Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

**Бобозода Илҳомҷон Абдушукур -** доктори илмҳои биологӣ, мудири кафедраи ботаникаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ;

**Шомамадова Зубайда Дустмамадовна-** номзади илмҳои кишоварзӣ, дотсенти кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва табии-риёзии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар** – факултети биологияи Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев (736000, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хоруғ, кучаи Ш. Шоҳтемур, 109.) дар хулосаи мусбии муассиса, ки аз тарафи муқарриз, профессори кафедраи ботаника ва экологияи муассисаи мазкур, доктори илмҳои биологӣ Мамадризохонов Акбар Алихонович, омода шудааст дар ҷаласаи кафедраи ботаника ва экологияи Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев,

протоколи №5 аз 28 январи соли 2026 баррасӣ гардида, аз тарафи раиси ҷаласа, номзади илмҳои биологӣ мудири кафедраи ботаника ва экология Содатқадамова Т.М., котиби ҷаласа, номзади илмҳои биологӣ Давлатбек С.Х. имзо намудаанд ва ректори донишгоҳ, доктори илмҳои сиёсӣ Комилбек Амид Ёрбек тасдиқ гардидааст, қайд менамояд, ки кори диссертатсионии Раҳматов Сулаймон Ҳасанович дорои ҷамбаҳои баланд ва арзишноки назариявӣ ва амалӣ буда, аз рӯйи муҳиммият, навгонии илмӣ, ҳаҷм ва сифати вазифаҳои иҷрошуда, аҳаммияти назариявӣ ва амалии натиҷаҳои бадастоварда, саҳеҳият ва асоснокунии хулосаҳо ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05-Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ сазовор мебошад. Автореферат ва корҳои илмии нашршудаи довталаби дараҷаи илмӣ пурра мундариҷаи асосии диссертатсияро инъикос менамоянд.

Унвонҷӯ Раҳматов Сулаймон Ҳасанович оид ба мавзуи диссертатсия 13 мақолаи илмӣ ба чоп расонидааст, ки аз он 8 мақола дар маҷаллаҳои илмии эътирофнамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидааст.

**Муҳимтарин интишороти муаллиф доир ба мавзуи диссертатсия:**

**А) Мақолаҳое, ки дар нашрияҳои тасдиқгардидаи КОА – и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд:**

**[1-М]. Раҳматов С.Ҳ** Сабзиш ва қадкашии ниҳоли навъу намунаҳои хурмои шарқӣ вобаста аз тагпайванд / С.Ҳ. Раҳматов // Гузоришҳои АИКТ, 2017. -№1 (51).- С. 28-31.

**[2-М]. Рахматов С.Х.** Степень морозоустойчивости саженцев хурмы восточной в зависимости от водного режима почвы / С.Х. Рахматов // Доклады ТАСХН, 2019. -№ 1(59).- С.32-34.

**[3-М]. Раҳматов С.Ҳ.** Рушду нумуъи ниҳоли хурмои шарқӣ дар шароити водии Ҳисор / С.Ҳ. Раҳматов, Н. Камолов // Гузоришҳои АИКТ, 2021. -№1 (67).-С. 39-42.

**[4-M]. Раҳматов С.Ҳ.** Причины осыпания плодов хурмы восточной и меры его предотвращения в условиях Гиссарской долины / С.Ҳ. Раҳматов // Известия НАНТ, 2021. -№4. - С54-59.

**[5-M]. Раҳматов С. Ҳ.** Маҳсулнокии навъҳои хурмои шарқӣ дар шароити водиҳои Вахш ва Ҳисор / С.Ҳ. Раҳматов // Кишоварз ДАТ ба номи Ш. Шоҳтемур – 2023. -№1(98).- С.78-80.

**[6-M]. Раҳматов С. Х.** Пример применения водного раствора серебра при хранении овощей и фруктов / С.Ҳ. Раҳматов, Г.М. Бобизода, Р.У. Эшанкулова // Наука и инновация ТНУ, 2023. -№1. – С. 91-100.

**[7-M]. Раҳматов С.Ҳ.** Сравнительное изучение роста и развития хурмы восточной в регионах с различными климатическими условиями / С.Ҳ. Раҳматов // Доклады ТАСХН, 2024. -№ 4. – С. 71-75.

**[8-M]. Раҳматов С.Ҳ.** Касалӣ ва ҳашаротҳои хурмои шарқӣ дар шароити водиҳои Ҳисору Вахш ва чораҳои пешгирии онҳо /С.Ҳ. Раҳматов // Гузоришҳои АИКТ, 2024 - № 4.- С.85-89.

**II. Мақолаҳо ва фишурдаи интишорот дар маҷмуаҳои дигар чопшуда:**

**[9-M]. Раҳматов С.Ҳ.** Хусусиятҳои биологӣ ва нашъунамои навъу хурмои шарқӣ. / С.Ҳ. Раҳматов, М.Табарова // Маводи конф. илмию амалии ҷумҳурявӣ "Саҳми олимони ҷавон дар рушди илм, инноватсия ва технологияи кишоварзӣ", бахшида ба 30- солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, солҳои 2020-2040 "Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф", 2021.- С. 50-53.

**[10-M]. Раҳматов С.Ҳ.** Таъсири зичии тагпайвандҳои хурмои шарқӣ ба часпиши муғчаҳо ва истеҳсоли ниҳоли пайванди / С.Ҳ. Раҳматов, С. Абдулоев // Маводи конференсияи илмии ҷумҳуриявӣ «Саҳми олимони ҷавон дар рушди илм, инноватсия ва технологияи кишоварзӣ» бахшида ба даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор 2018-2028» - 2022. - С.41-42.

**[11-M]. Раҳматов С.Ҳ.** Нашъу нумӯи ва маҳсулнокии хурмои шарқи вобаста аз тагпайванд дар шароити водии Ҳисор / С.Ҳ. Раҳматов //

Маводҳои конференсияи илмии назариявии байналмилалӣ дар мавзуъи «Истифодабарии усулҳои инноватсионӣ дар баланд бардоштани ҳосилнокии дарахтони мевадиҳанда, ангур ва зироатҳои сабзавотию картошка» - 2022. - С.21-25.

**[12-М]. Раҳматов С.Ҳ.** Фенологияи навъҳои хурмои шарқӣ вобаста ба минтақаҳо / С.Ҳ. Раҳматов, З. Сафарова, Б.С. Холова // Маводи конференсия илмии ҷумҳуриявӣ "Нақши олимони ҷавон дар рушди илм инноватсия ва технологияи кишоварзӣ" бахшида ба солҳои 2020-2040 "Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф" ва даҳсолаи байналмиллалии амал "Об барои рушди устувор 2018-2028" -2023. - С. 101-109.

**[13-М]. Раҳматов С.Ҳ.** Производственно-хозяйственная эффективность плодов восточной хурмы в зависимости от различных почвенно-климатических регионов республике Таджикистан / С.Ҳ. Раҳматов // Международный научный журнал «IN THE WORLD OF SCIENCE AND EDUCATION» ОФ "Международный научно-исследовательский центр "Endless Light in Science" 15 июля Almaty, Kazakhstan -2025. - С.12-18.

**Ба автореферати диссертатсия тақризҳои зерин ворид шудаанд:**

**1. Абдуллоев Абдуманон** - доктори илмҳои биологӣ, профессор, узви вобастаи АМИТ, мудири озмоишгоҳи биохимияи фотосинтези Институти ботаника, физиология ва генетикаи растании Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (03.01.05-Физиология ва биохимия), тақриз мусбӣ, эрод нест.

**2. Бобоҷонова Хуршеда Иномовна** - доктори илмҳои кишоварзӣ, дотсент, директори Маркази биотехнологии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (06.01.05-Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ), тақриз мусбӣ, эрод нест.

**3. Гулов С.М.** – доктори илмҳои биологӣ, узви вобастаи АМИТ аз рӯйи ихтисоси 03.00.12-Физиологияи растаниҳо, профессори Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур, тақриз мусбӣ, эрод нест.

**4. Каримова Ф.Ҷ.** – номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.04 Агрохимия, мудири шуъбаи баланд бардоштани ҳосилхезии баҳодиҳии хоки Институти хокшиносӣ ва агрохимияи АИКТ, тақриз мусбӣ, эрод нест.

**5. Мухамедов А.Х.** – номзади илмҳои биологӣ, аз рӯйи ихтисоси 03.00.05-Ботаника, корманди пешбари илмии Маркази илмии Хуҷанди АМИТ, тақриз мусбӣ, эрод нест.

**6. Пӯлодов М.** – номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05-Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ, ходими калони илмии Маркази миллии захираҳои генетикии АИКТ, тақриз мусбӣ, эрод нест.

**7. Равел Шайхулович Шагапов** – кандидат биологических наук, старший научный сотрудник отдела научных исследований Оренбургский государственный аграрный университет, тақриз мусбӣ, эрод нест.

**8. Собир Санаев** – доктор сельскохозяйственных наук, профессор, заведующий кафедрой растениеводство Самаркандский институт агроинноваций и исследований, тақриз мусбӣ, эрод нест.

**9. Ҳисайнов Н.С.** - номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 03.00.27-Хокшиносӣ, директори МД Пажуҳишгоҳи Институти илмию тадқиқотии хоҷагии ҷангал, Агентии хоҷагии ҷангал, тақриз мусбӣ, эрод нест.

Ҳамаи тақризҳои аз тарафи муқарризон пешниҳодшуда мусбат буда, онҳо муҳиммии мавзуи кори диссертатсионӣ, навгонии илмӣ, аҳаммияти назариявию амалии тадқиқоти анҷомдодашуда, асоснокии натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо ва ҷавобгӯ будани кори иҷрогардидаро ҳамчун диссертатсияи номзадӣ ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мусбӣ арзёбӣ намуда, пешниҳод менамоянд, ки муаллифи он Раҳматов Сулаймон Ҳасанович шоистаи дарёфти дараҷаи илмии

номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05-Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ мебошад.

**Интихоби муқарризони расмӣ** бо пешниҳоди комиссияи ташхисии шурои диссертатсионӣ, дар асоси комёбиҳо ва дастовардҳои илмии онҳо оид ба омӯзиши хусусиятҳои биологии намудҳои дарахтон ва омӯзиши хусусиятҳои агробиологӣ ва маҳсулнокии дарахтони мевадиҳанда, корҳои илмии чопшудаашон вобаста ба тадқиқи мавзуъ ва муайян намудани арзиши амалии диссертатсия ва розигии онҳо ба тақриздиҳӣ сурат гирифтааст.

**Интихоби ташкилоти тақриздиҳанда** бар он асос ёфтааст, ки он муассисаи илмӣ – тадқиқотиест, ки ба ҳалли мушкилотҳои рушди соҳаи кишоварзӣ, аз он ҷумла равияҳои биология, масъалаҳои растанипарварӣ, дарахтони мевадиҳанда ва буттамевагиҳоро дар бар мегирад.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро намудани тадқиқоти илмӣ:**

**- коркард карда шуд:** интихоби тагпайвандҳои навъҳои нави хурмои шарқӣ, омӯзиши хусусиятҳои биологӣ ва давраҳои фенологӣ, муайян намудани ҳосилнокӣ ва таркиби биохимиявӣ, интихоби навъҳои дурнамои селексионии маҳаллӣ ва пешниҳоди онҳо ба истеҳсолот, инчунин самаранокии иқтисодии навъҳои хурмои шарқӣ дар шароити водиҳои Ҳисору Вахш дар амал иҷро шудааст.

**- пешниҳод шудааст:** натиҷаҳои бадастомадаи кори илмӣ тадқиқотӣ барои омӯзиши хусусиятҳои агробиологӣ ва селексионии навъҳои хурмои шарқӣ дар хоҷагии таҷрибавии Сунбулаи шаҳри Ҳисор ва стансияи зироатҳои субтропикӣ ва ситрусии н. Ҷ. Балхӣ асоснок гардидааст. Ба самтҳои асосии ҳадафҳои стратегии мамлакат“Таъмини амнияти озуқаворӣ” ва “Саноаткунонии босуръати кишвар” мутобиқ мебошад. Бо назардошти ин ҳадафу вазифаҳои тадқиқот воқеияти фарзияи номбурдаро собит сохта, ҳамзамон барои амалишавии он мусоидат менамояд;

**-исбот шудааст,** ки навъҳои нави хурмои шарқӣ дар тагпайванди интихобгардида, дорои хусусиятҳои хоси хоҷагию- биологӣ буда, барои ба даст овардани ҳосили баланд, меваҳои хушсифати ба талаботи бозор ҷавобгӯ ва ба содирот нигаронидашуда мувофиқ мебошад.

**Аҳаммияти назариявии тадқиқот бо ин асоснок карда шудааст, ки исбот шудааст:** дар натиҷаи гузаронидани таҷрибаҳои илмӣ ба истеҳсолот пешниҳод намудани навъҳои ояндадори дорои ҳосили баланд, меваҳои хушсифат, қобилияти баланди нигоҳдорӣ, интиқолдиҳӣ ва ба хушконидан мувофиқ, дар оянда барои бунёди боғҳои хурмо пешниҳод карда мешавад, ки ба ҳалли масъалаҳои стратегии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, амнияти озуқаворӣ ва таъмини саноати хуроквори ба ашёи хом мусоидат мекунад. Инчунин навъҳои хурмои шарқии ояндадор: Шарқӣ, Шоҳона, Вахш, ва Ваҳдат, ки дорои аломатҳои хоҷагию биологӣ доранд, барои корҳои селексионӣ истифода бурда мешаванд.

**- омӯхта шуд:** бори нахуст омӯзиши 15 навъу намунаҳои хурмои шарқӣ гузаронида шуда, дар натиҷа аз байни онҳо 3- навъи дорои хусусиятҳои хоси хоҷагию- биологӣ дошта, аз он ҷумла 1 навъ барои истеҳсоли хушкмева интихоб карда, ба Комиссияи давлатии озмоиши навъи зироатҳои кишоварзӣ ва муҳофизати навъҳои Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида шуд.

**- муайян карда шуд,** ки интихоби навъҳои ояндадори Шарқӣ, Шоҳона, Ваҳдат ва Вахш ба сармо тобовар, дорои ҳосили баланд, аз ҷиҳати сифат ва таъм нисбати навъҳои назоратӣ бартари дошта, ба истеҳсолот таҳия ва тавсия карда шудааст. Муқаррар карда шуд, ки интихоби навъҳои ояндадори дорои хусусиятҳои хоси биологию хоҷагӣ дошта дар ҳалли масъалҳои таъмини аммнияти ғизоӣ метавонад саҳми арзанда гузорад.

**- баён шудааст, ки омӯзиши** навъҳои интихобгардида ҳосилнокии онҳо хусусан дар шароити водии Ҳисор навъҳои Шарқӣ- 20,1, Ваҳдат- 19,2 ва Вахш-18,4 т/га, аз натиҷаи гузаронидани чошнигирӣ (дегустация) баҳои

нисбатан баланд аз рӯйи ҷадвали 5- хола ба навъҳои Шарқӣ-4,4, Шоҳона-4,4, Ваҳдат -4,3, Вахш-4,2 мувофиқи мақсад мебошад.

**- ошкор гардидани** хусусиятҳои маҳсулнокӣ, ҳосилнокӣ, сифати меваи тару тоза ва хушк, самараи баланди иқтисодии навъҳои нави хурмои шарқӣ дар асоси натиҷаҳои бадастомадаи тадқиқоти илмӣ метавон истифода бурд.

**Аҳамияти натиҷаҳои бадастовардаи тадқиқоти анҷомдодаи унвонҷӯ дар амалия бо он исбот мешавад, ки** натиҷаҳои илмии таҷрибаҳои саҳроӣ ва санҷиши истеҳсолии онҳо дар омӯзиши хусусиятҳои агробиологӣ ва селексионии навъҳои хурмои шарқӣ дар масоҳати 10 га дар хоҷагии ҶДММ «Боғи -15 солагии Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷамоати деҳоти Сомон ва 21 га дар хоҷагии таҷрибавии «Сунбула»-и шаҳри Ҳисор татбиқ шудааст.

**- офарида шуд** – низоми амалии тавсияҳои технологияи парвариши хурмои шарқӣ ва баланд бардоштани ҳосилнокӣ ва сифати мева аз ҳисоби навъҳои нав дар шароити водиҳои Ҳисору Вахши Ҷумҳурии Тоҷикистон;

**Барасии эътимоднокии натиҷаҳои тадқиқот нишон доданд, ки барои корҳои таҷрибавӣ натиҷаҳои тадқиқот дастрас карда шуд**: натиҷаи ташкили дурусти гузаронидани таҷрибаҳо бо натиҷаҳои тадқиқотҳои олимони соҳа мувофиқат мекунад ва саҳеҳияти тадқиқот ошкор намуд, ки дар рафти кор навъҳои нави хурмои шарқӣ дар шароити водиҳои Ҳисору Вахш ҳосили баланд ва сифати меваро таъмин менамояд;

**- назария:** дар баробари дастовардҳои назарраси илмӣ дар соҳаи мевапарварӣ, аз он ҷумла хурмои шарқӣ, масъалаҳои таъсири омилҳои агробиологии водиҳои Ҳисору Вахш ва минтақабобкунии навъҳои нави хурмои шарқӣ тайи даҳсолаҳои охир аз назар дур мондааст. Аз ин рӯ, тадқиқотҳои илмӣ доир ба мутобиққунии навъҳои нави хурмои шарқӣ, ки иқтидори баланди маҳсулнокӣ ва меваи хушсифат доранд, дар шароити водиҳои Ҳисору Вахш равона гардидааст, ки ин метавонанд ҳосили баланду босифати навъҳои хурмои шарқиро таъмин намояд;

**- ғоя асоснок шудааст:** дар асоси таҳлили амалияи хулосаи таҷрибаи пешқадами муаллифони хориҷӣ ва ватанӣ, хусусиятҳои агробиологӣ ва селексионии хурмои шарқиро истифода бурда дар ин замина аҳаммияти ғизоию табобатӣ ва мувофиқ будан дар як қатор минтақаҳои ҷумҳурӣ;

**- истифода шуданд:** муқоисаи натиҷаҳои муаллифӣ ва натиҷаҳои бадастомада бо адабиётҳои пешин оид ба мавзуи диссертатсия;

**- муайян шуданд:** миқдоран ва сифатан мувофиқат кардани натиҷаҳои муаллифӣ бо манбаъҳои холис, ки аз рӯйи мавзуи мазкур оварда шуданд дар ҳолатҳое, ки ин муқоисаҳо асоснок мебошанд;

**- истифода карда шудаанд:** истифода бурдани усулҳои таҳлили натиҷаҳои илмии ба даст овардашуда доир ба хусусиятҳои агробиологӣ ва селексионии навъҳои маҳаллии хурмои шарқӣ дар асоси методикаи қабулшуда, дар боғдорӣ «Барнома ва усулҳои омӯзиши навъҳои дарахтони мевадиҳанда, буттамевагиҳо ва чормағзиҳо», Орёл [1999] ва муайян намудани самаранокии иқтисодии парвариши навъҳои хурмои шарқӣ тибқи методикаи гузаронидани таҷрибаҳои саҳроии Б.А. Доспехов [1985] ба роҳ монда шуда, иҷро шудааст.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар он зоҳир мегардад, ки:**

- дар ҳама марҳилаҳои иҷрои кори диссертатсионӣ, гузаронидани тадқиқоти саҳроӣ ва озмоишӣ, интихоби навъҳои нави хурмои шарқӣ, ҷамъбасти маводҳои таҷрибаҳои саҳроӣ, коркарди оморӣ, татбиқи натиҷаҳои бадастоварда муаллиф мустақилона кору фаъолият намудааст;

- муқаррароти асосии назариявию амалии тадқиқоти диссертатсионӣ дар шакли маърӯза ва мақолаҳо дар конференсияҳо, семинарҳои илмӣ, илмию амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ бевосита аз тарафи муаллиф пешниҳод ва баррасӣ шудаанд;

- иштироки бевоситаи унвонҷӯ дар иҷрои таҷрибаҳои саҳроӣ, интихоби тагпайванд, мушоҳидаҳои фенологӣ, ба сармотобоварӣ, усулҳои хушконидани мева, муайянкунии аломатҳои биометрӣ, коркарди

дисперсионию математикии натиҷаҳои тадқиқот, таҳияи мақолаҳои илмӣ, матни диссертатсия ва автореферати он.

Дар маҷлиси 03 марти соли 2026, Протоколи №46 шурои диссертатсионӣ 6D.КОА-096 назди Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон қарори сазовор донистани Раҳматов Сулаймон Ҳасанович бо дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05-Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ қарор қабул кард. Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 15 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла докторони илм 5 нафар аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда. Овоз доданд: **тарафдор 15 нафар**, муқобил **нест,** бюллетенҳои беэътибор **нест.**

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои кишоварзӣ,
академики АИКТ Салимзода Амонулло Файзулло

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои кишоварзӣ Пӯлотова Шаҳодат Сайфуллоевна

03.03.2026